«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_____ Хушвахтзода Қ. Х.
_____ 2022 с.

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи «Вазифа ва масъулияти муҳаррири телевизион (дар мисоли телевизионҳои "Тоҷикистон" ва "Сафина")» дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Исматуллои Ҳабибулои Нарзуллозода соли 2013 факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аълочӣ (ДОА № 0008325 аз 17 июни соли 2013) хатм кардааст.

Исматуллои Ҳабибулои Нарзуллозода аз соли 2017 то соли 2020 дар кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибона ба кори пажуҳишӣ машғул буд.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни "Забони хориҷӣ" 26-уми июни 2017 ва "Таърих ва фалсафаи илм" 27-уми декабри соли 2017 супорида шудааст.

Роҳбари илмӣ: Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода - номзади илми филология, дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи ДМТ аз 26-уми январи соли 2017, суратмаҷлиси 6 ва Шӯрои олимони факултети журналистикаи ДМТ 27 феврали соли 2017, суратмаҷлиси рақами 6 тасдиқ шуда, дар Шӯрои ҳамоҳангсозӣ ва ташхисии ДМТ таҳти рақами 34/17 аз 29-уми марти соли 2017 аз ташхис гузаронида шудааст.

Мавзӯи кори диссертатсионӣ дар Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми июли соли 2018 таҳти рақами 756/01.3 дар бораи гузаронидани ҷустуҷӯи мавзӯӣ ба навигариҳои мавзуъҳо аз рӯйи манбаъҳои маълумоти "Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструктории Ҷумҳурии Тоҷикистон" ташхис гардида, монандӣ ва тимсоли мавзӯи диссертатсионӣ ошкор нагардид. Маълумотномаи ҳисоботии № 2863 инро тасдиқ менамояд.

Дар натичаи муҳокима чунин хулоса карда шуд:

Мавзӯи диссертатсия актуалӣ буда, дар омӯзиш ва шинохти муҳаррири ва ҷойгоҳи он дар телевизион таҳқиқ шудааст. Телевизион дар ташаккули фазои иттилоотӣ нақши меҳварӣ дорад ва ҳамчун як шакли фаъоли воситаи ахбор дар ҳаёти ҷомеа аз солҳои 50-уми асри гузашта мақоми хос пайдо карда, то имрӯз ин мавқеъро аз даст надодааст, ки дар меҳвари он муҳаррир ва фаъолияти ӯ меистад.

Вазифаи муҳаррири телевизион дар шароити муосир аз самтҳое мебошад, ки дар журналистикаи ватании телевизион то ҳанӯз илман асоснок нагардидааст. Ҳарчанд мақолаҳои соҳавӣ дар самти шинохти муҳаррир рӯйи чоп омада бошанд ҳам, аммо далелҳои раднопазир дар ин замина ковиши илмӣ мехоҳанд, зеро фаъолияти пурсамар ва вижагиҳои умдаи он шоиста аст, ки аз нигоҳи назарияи журналистика мавриди таҳлил қарор гирад.

Аз ҷумла, таҳқиқи ин мавзуъ ба як қатор омилҳо иртибот дорад ва маҳз онҳо аз фаъолият ва касбияти муҳаррир дарак медиҳанд. Омилҳои мазкур берунӣ ва дохилӣ буда, ба моҳияти касб таъсир мерасонанд ва яке дигареро пурра менамоянд.

Дар доираи ин фаъолият пуртаҷрибагӣ, рангорангӣ, истифодаи бамавриди технологияи навин, ба роҳ мондани фарҳанги техникӣ ва кордонии муҳаррир бисёр муҳим дониста мешавад.

31 соли Истиқлоли давлатӣ ва рушди босуръати васоити ахбори оммаи ватанӣ, хусусан телевизион имконият медиҳад ва тақозо мекунад, ки фаъолияти пурсамари муҳаррир мавриди таҳлилу баррасӣ ва ковиши илмӣ қарор гирад. Омӯзиши вазифаҳои гуногуни муҳаррир ва истифодаи онҳо дар ҷараёни барнома яке аз омилҳои муҳим ва мубрами мавзуъ дониста мешаванд.

Дар ин раванд баррасии афзалиятҳои инфиродии муҳаррир ҳамчун касб ва дақиқ намудани вазифаҳои ба ӯ хос аз масъалаҳои дигари таҳқиқ маҳсуб меёбад. Солҳои зиёд ин касб барои аудиторияи калон машҳур ва маълум набуд, вале таҷрибаи даҳсолаи охир нишон медиҳад, ки табиати фаъолияти муҳаррирӣ дар телевизион иваз шудааст ва имрӯз он ба яке аз шахсиятҳои муҳим дар таҳияи барномаҳои телевизионӣ табдил ёфтааст. Дар замони муосир истилоҳи «муҳаррири телевизионӣ» моҳияти худро тағйир додааст. Яъне муҳаррир имрӯз фақат паси кадр нест.

Мақсади таҳқиқ – мушаххас кардани талаботҳои сохторӣ ба касби муҳаррир дар телевизион ва ҷараёни муосири истеҳсоли барномаҳои телевизионӣ, кӯшиш дар самти шаклгирии ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти муҳаррири телевизион ва дар маҷмуъ, мушаххас кардани

хусусиятҳои баъзе паҳлуҳои норавшани касби муҳаррири телевизион дар шароити Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

Объекти таҳқиқ – баррасӣ, омӯзиш ва баҳои илмӣ додан ба фаъолияти муҳаррироне, ки дар солҳои гуногун дар телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Сафина» фаъолият кардаанд. Дар рафти омӯзиши мавзуъ аз муҳтаво ва ҳолати 30 барномаи телевизионӣ мисолҳо гирдоварӣ гардидаанд.

Мавзӯи (предмет)-и таҳқиқ – вижагиҳои фаъолияти муҳаррири телевизион, муайянкунии доираи вазифа ва ухдадориҳо дар ҷараёни омодасозии барнома зоҳир мегардад.

Асосҳои назариявии таҳқиқ. Дар кори диссертатсионӣ ба таълифоти назариявии олимони соҳа, аз ҷумла олимони тоҷик И. К. Усмонов, А. Саъдуллоев, М. С. Имомзода, А. Х. Азимов, М. Б. Муродов, М. А. Абдуллозода, М. А. Мукимов, Ҷ. М. Саъдуллоев, Ш. Б. Муллоев, Н. Н. Солеҳов, М. Р. Ҷӯраева, Р. Бобоҷониён, Қ. Мухторӣ, Н. Бозорзода, А. Қутбиддинов, С. Н. Гулов, И. И. Ҳамидиён ва дигарон такя шуд.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Дар диссертатсия аз методҳои муқоисавӣ, таҳлили анъанавӣ, таърихӣ ва таҳлили оморӣ истифода шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар замони соҳибистиқлолии мамлакат фаъолияти муҳаррирони телевизион тағйир ёфтааст. Шароити мавҷудаи соҳавӣ низ тақозо мекунад, ки муҳаррир аз чандрасонаӣ кор гирад – равандҳои муосирро омӯзад, таҳлил ва истифода кунад, дар меҳвари масъала қарор гирад ва ба бинанда барномаи касбӣ ва диданиро пешниҳод намояд.

Дар Тоҷикистон то имрӯз ин масъала таҳқиқи илмӣ наёфтааст. Аз ин рӯ, зарурат барои таҳқиқ пеш меояд.

Диссертант ишора мекунад, ки мақсади кори диссертатсионӣ мушаххас кардани талаботҳои сохторӣ ба касби муҳаррир дар телевизион ва ҷараёни муосири истеҳсоли барномаҳои телевизионӣ, кӯшиш дар самти шаклгирии ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти муҳаррири телевизион ва дар маҷмуъ, мушаххас кардани хусусиятҳои баъзе паҳлуҳои норавшани касби муҳаррири телевизион дар шароити Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

Кор дар сатҳи хуби илмӣ навишта шуда, диссертант манбаву сарчашмаҳоро, ки ба мавзӯи мавриди таҳқиқ алоқамандӣ доранд, омӯхта, назари донишмандон ва муҳаққиқони соҳаро таҳлил намуда, дар натиҷаи таҳқиқ ба хулосаҳои асоснок расидааст. Аз таҳлилу баррасӣ, мазмуну муҳтаво ва масъалагузориҳои диссертатсия маълум мешавад, ки диссертант ба ҳадафи таҳқиқ ноил шудааст.

Нахустин маротиба фаъолияти эҷодии муҳаррир дар баробари фаъолияти техникии ӯ мавриди баррасӣ карор мегирад. Масъала барои ҷомеаи журналистии Тоҷикистон муҳим ва нав арзёбӣ мегардад.

Муҳтавои кори диссертатсионӣ метавонад дар самти таҳқиқи паҳлуҳои соҳаи журналистикаи телевизион мусоидат намояд. Диссертатсия сарчашмаи мукаммали илмӣ дар шинохти мафҳуми «муҳаррири телевизион» буда, дар шароити Тоҷикистон объекти нави таҳқиқи илмӣ маҳсуб меёбад.

Муаллиф шаклҳои нави фаъолияти муҳаррирро бозгӯ намуда, ӯро дар рафти барномасозӣ нафари аввал донистааст. Аз ин нуктаи назар, ба илми ватанӣ ворид гардидани ин мафҳум назари хоссаи муаллиф дониста мешавад.

Диссертант нуктаҳои муҳим ва натиҷаҳои таҳқиқро дар шакли маърӯза дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ ироа намудааст.

Мазмуни асосии диссертатсияи Исматуллои Ҳабибуло Нарзуллозода дар 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табърасида, инъикос гардидааст:

1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба табъ расидаанд:

1. Нарзуллозода И. Ҳ. Вазифаи муҳаррири телевизион дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, – 2017. - №4/6. – С.277-280.
2. Нарзуллозода И. Ҳ. Мафҳум, сифати касбӣ ва махсусияти фаъолияти муҳаррири телевизион // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - №1. – С.280-285.
3. Нарзуллозода И. Ҳ. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муҳаррири телевизион дар ҷараёни созмони барнома // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - №2. – С.293-298.
4. Нарзуллозода И. Ҳ. Нақши муҳаррир дар таҳияи сенарияҳои барномаҳои телевизионӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– Душанбе, 2020. - №8. – С. 414-419.

2. Маҷалла ва сарчашмаҳои дигар:

5. Нарзуллозада И. Ҳ. Вазифаи муҳаррири телевизион дар шароити муосир // Дар моварои сухан (маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2018. – С. 160-169.

6. Нарзуллозада И. Ҳ. Махсусияти фаъолияти муҳаррир дар телевизионҳои Тоҷикистон // Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад. – Душанбе, 2022. – С. 187-201.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, кори диссертатсионӣ ба зинаи дуюми муҳокима тавсия гардид.

Дар ҷаласа 7 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -7 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Қарори №3, аз 15-уми октябри соли 2022.

РАИСИ ҶАЛАСА:
Мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии ДМТ, н.и.филол., дотсент **Гулов С. Н.**

Котиби илмӣ, н.и.филол., дотсент **Эшматов З. А.**

Имзои С. Н. Гулов ва З. А. Эшматовро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тавқиев Э.**

СУРОҒА:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
www.tnu.tj
тел: (+992 37) 221-77-11